«Тасдиқ мекунам»
Раиси Шӯро - Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

_______*Имзо*________

«28» апрели соли 2016

**ПРОТОКОЛИ №1С/22-2**
**ҷаласаи XVI Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 12 апрели соли 2016**

**Дар ҷаласа аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони масъули даъватшуда иштирок карданд.**

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ.
3. Гузориш оид ба натиҷаҳои таҳлили пешакии мушкилиҳои низоми андозбандӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо.
4. Дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи оянда Шӯрои машваратӣ.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ҷаласаи XVI Шӯрои машваратиро оғоз намуда, саҳми Шӯроро ҳамчун майдони муколамаи озод ва мунтазами байни давлат ва бахши хусусӣ дар баррасии масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ки бешубҳа барои тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат мусоидат намуда истодааст, муҳим арзёбӣ намуд.

**Оид ба масъалаи якум** гузориши котиби масъули Шӯро, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Қодири Қосим шунида шуд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки қарорҳои дар ҷаласаи гузаштаи Шӯро қабулгардида ба рушди соҳаҳои саноат ва истеҳсолоти

миллӣ, паст кардани арзиши аслӣ ва содироти маҳсулоти рақобатпазир, таъмини истеҳсолот бо қувваи барқ, рушди бозори суғурта, баррасии саривақтии муроҷиатҳои соҳибкорон, рушди бемайлони соҳибкориву сармоягузорӣ равона шуда буданд.

Дар ин замина қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» дар таҳрири нав, «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ, ки бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ таҳия шудаанд, қабул гардиданд.

Бо мақсади рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, баррасии саривақтии муроҷиатҳои соҳибкорон ва ҳалли онҳо, дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Гурӯҳи кории ҳукуматӣ таҳти роҳбарии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки роҳбарони вазорату идораҳо бо соҳибкорони ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Рашт, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мулоқотҳо доир намуданд.

Оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро, инчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, Роҳбари ҶДММ «Мадина ва ҳамкорон» Набот Додхудоева, намояндаи доимии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Тоҷикистон Ричард Ҷонс баромад намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки Шӯрои машваратӣ аз тарафи бахши хусусӣ ҳамчун фишанги муҳими ислоҳоти иқтисодӣ эътироф шуда, то имрӯз ислоҳоти зиёдеро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвар амалӣ намудааст.

**Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа** гузориши вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатулло Сатторӣ вобаста ба натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ шунида шуд.

Дар робита ба масъалаи мазкур Сарвазири мамлакат қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ буда, яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои саноат ва афзоиши иқтидори содиротии кишвар бо дараҷаи рушди ин соҳа вобастагии зич дорад.

Инчунин роҳбари Намояндагии Барномаи озуқаворӣ ва кишоварзии СММ дар Тоҷикистон Виорел Гютсу ва роҳбари

Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон Шорауф Шораҳматов мулоҳизаҳои худро вобаста ба масъалаҳои бахши кишоварзӣ баён намуданд.

**Масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа** натиҷаҳои таҳлили пешакии мушкилиҳои низоми андозбандӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар бар гирифта, вобаста ба он муаррифии вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода шунида шуд.

Зикр гардид, ки мақсади ислоҳот, аз ҷумла ислоҳоти низоми андозбандӣ ин мукаммал намудани низоми молиявӣ, ки ба рушди устувор нигаронида шудааст, таъмини рушди бемайлони фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ ва васеъ намудани манбаъҳои андозбандӣ ба шумор меравад.

Муовини роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, роҳбари Бонки рушди Олмон «KfW» дар Тоҷикистон Кристин Лаабс дар ҷаласаи Шӯро баррасӣ шудани натиҷаҳои таҳлили пешакии мушкилиҳои низоми андозбандӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳоро муҳим арзёбӣ намуда, омодагии шарикони рушдро барои дастгирии гузаронидани таҳлилҳои дақиқ, пешниҳоду тавсияҳо ва татбиқи ислоҳотҳои мазкур иброз дошт.

Оид ба масъалаи мазкур Сарвазири мамлакат қайд кард, ки бе расонидани таъсири манфӣ ба даромадҳои Буҷети давлатӣ, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти андозӣ, тавассути ба роҳ мондани таҳлилҳои самаранокии имтиёзҳои андозӣ, санҷишҳо ва ҷаримаҳои андозӣ, такмили механизми баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда, ҳалли баҳсҳои андозӣ, ҳавасмандкунии соҳибкорон ва фарогирии пурраи онҳо бо андозбандӣ, инчунин тадриҷан беҳтар намудани маъмурикунонии андоз зарур арзёбӣ мегардад.

**Вобаста ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа** Котиби масъули Шӯро Қодири Қосим маълумот дода, дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯро баррасӣ намудани масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро пешниҳод намуд. Мавзӯи пешниҳодшуда аз ҷониби аъзои Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

Дар анҷоми ҷаласа Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода андешаҳои худро оид ба масъалаҳои баррасигардида баён намуда, вобаста ба нуктаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зерин дод:

1. Вазорати кишоварзӣ

- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи

кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграриро бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои дар ҷаласаи Шӯро баёнгардида мукаммал карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;

- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор мониторинги иҷрои тамоми санадҳои қабулшудаи соҳаи кишоварзӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро дар ин бахш гузаронида, натиҷаҳои онро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;

- якҷоя бо шарикони рушд оид ба бунёди сардхонаҳои муосири нигаҳдории меваю сабзавот ва корхонаҳои хурди сайёри коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва бандубасти он лоиҳаи давлатии сармоягузориро омода намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намояд;

- якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи соҳибкорони ватанӣ ба бунёди корхонаҳои муосири коркарди меваю сабзавот, гармхонаҳо, сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот ва марказҳои логистикӣ тадбирҳо андешад;

- пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушдро вобаста ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба Ҳукумат таклифҳои мушаххас манзур намояд;

- бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи чорводорӣ барои таъминнокии соҳа бо хӯрока, афзоиш додани саршумори чорвои хушзот, содда намудани расмиёти воридоти ваксина ва доруворихо, барқарор намудани чарогоҳҳо ва ҳавзҳои моҳидорӣ, афзоиши маҳсулоти соҳаи мазкур ва коҳиш додани воридот чораҳои мушаххас андешад;

- якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои мавҷуда, риояи талаботи агротехникии соҳаро таъмин карда, дар асоси барномаҳои соҳавӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз ҷумлаи роҳҳои асосии таъмини пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

2. Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, адлия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал масъалаи ба роҳ мондани хизматрасонии машваратӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти ҷумҳуриро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳоди мувофиқашударо манзур намоянд.

3. КВДҶ «Тоҷикагролизинг» бо мақсади дастрасии хоҷагиҳо ба техника ва мошинолоти кишоварзӣ, бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда ва ҷалби сармояи иловагӣ шабакаи марказҳои таъмини техникаи кишоварзиро дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ васеъ намояд.

Инчунин ба воридоти техникаи бисёрҳадафа, яъне техникае, ки дар якчанд соҳа истифода бурдан мумкин аст, диққати ҷиддӣ зоҳир намояд.

4. Бонки миллӣ, Вазорати молия дар ҳамкорӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ масъалаи такмили низоми муосири молиявӣ ва маҳсулоти қарзиро барои рушди соҳаи кишоварзӣ, бо дарназардошти фоиз ва мӯҳлатҳои мусоид, аз ҷумла боздошти пардохти қарз дар мавсими кишту кор то ҷамъоварии ҳосил баррасӣ намоянд.

5. Палатаи савдо ва саноат, Агентии «Тоҷикстандарт», Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, Хадамоти назорати давлатии байторӣ, Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молия, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, Хадамоти алоқа, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҷиҳати боз ҳам соддаву осон намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар намуди тару тоза ва хушк, аз байн бурдани монеаҳо, ихтисор намудани вақт ва ҳуҷҷатҳои барои содирот зарур чораҳо андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд.

6. Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ якҷоя бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Вазорати кишоварзӣ ҷиҳати гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) заминҳои корам, тадриҷан беҳтар кардани ҳолати мелиоративии онҳо, азхуд намудани заминҳои нав ва ба низоми муайян даровардани пардохти ҳаққи хизматрасонии об таклифҳои мушаххас пешниҳод намояд.

7. Вазорати молия якҷоя бо дигар вазорату идораҳо ва бахши хусусии соҳаи кишоварзӣ лоиҳаи Дастурумал дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии фермерии хурд, миёна ва калон ва зарурати ҷорӣ намудани онро бори дигар мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва баррасӣ қарор диҳанд.

8. Вазорати молия якҷоя бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва бо ҷалби шарикони рушд Гурӯҳи корӣ таъсис дода, дар заминаи таҳлили пешакӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба ва васеи низоми андозбандиро гузаронад ва ҷиҳати

такмил додани низоми андозбандӣ вобаста ба ҳар як самтҳои он тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд.

9. Кумитаи телевизион ва радио, бо дарназардошти рақобати шадид дар бозори истеъмолӣ ва бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватанӣ таблиғоти бештари маҳсулоти ватаниро бо шартҳои имтиёзнок ба роҳ монад.

10. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ феҳристи корхонаҳои дӯзандагӣ ва бофандагии Ҷумҳуриро тартиб дода, барои дастрасии онҳо ба грантҳои президентӣ ва дигар кӯмакҳои техникии шарикони рушд тавассути ҷалби мутахассисони ботаҷриба тадбирҳо андешанд.

11. Вазорати нақлиёт якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд Гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронад ва натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намояд.

12. Вазорату идораҳо:

- барои татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар санадҳое, ки барои беҳтар шудани нишондиҳандаҳои байналмилалии мамлакат мусоидат мекунанд, тадбирҳои таъхирнопазир андешанд;

- ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ташкил намудани феҳристи электронии гарави амволи манқул тадбирҳо андешанд;

- ба ҷаласаиояндаи Шӯро вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ гузориши муфассал пешниҳод намоянд.

13. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:

- раванди таҳлилҳои васеи низоми андозбандиро ҳаматарафа дастгирӣ намуда, ҷиҳати омода намудани тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо маблағҳои зарурӣ ҷудо намоянд;

- лоиҳаҳои худро барои мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ, мусоидат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани

симои сармоягузории мамлакат, дастгирии бахши хусусиву соҳибкорӣ ва баланд бардоштани иқтидори касбии онҳо равона созанд;

- ҷиҳати ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои пешбинишуда ва ба як маҷрои муайян даровардани кӯмакҳои шарикони рушд тадбирҳо андешанд.

| | | |
|---|---|---|
| Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | *Имзо* | Қодири Қосим |
| Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ | *Имзо* | Н. Абдуғаффорзода |